**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Саидова Мавзуна Абдулҳакимовна таҳти унвони «Таҳлили сохторӣ - семантикии нутқи мазмунан нақлшуда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар заминаи асари «Ёддоштҳо»- и С. Айнӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ, ки дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ иҷро шудааст.**

Таҳқиқоти муқоисавӣ ва масъалаҳои гуногуни ба он вобаста ҳамеша аз масъалаҳои мубрам маҳсуб меёбанд. Омӯзиши муқоисавӣ амалан барои рушду нумӯ ёфтани забонҳои гуногун саҳмгузор шуда метавонад.

Мавзӯи диссертатсияи Саидова М.А. «Таҳлили сохторӣ - семантикии нутқи мазмунан нақлшуда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар заминаи асари «Ёддоштҳо» - и С. Айнӣ» аз ҷумлаи масъалаҳои таҳқиқнашудаест дар самти омӯзиши муқоисавӣ мебошад.

Тавре ки аз мутолиаи автореферат бармеояд, диссертатсия аз муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, се боб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо, руйхатти адабиёт ва интишорот аз рӯйи мавзӯи диссертатсия иборат аст.

Дар муқаддимаи таҳқиқот оид ба мубрамии мавзӯи таҳқиқот, дараҷаи таҳқиқи мавзӯи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо), мавзӯъҳои илмӣ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, методҳои таҳқиқот, объекти таҳқиқот, мавзӯи таҳқиқот, асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқот, сарчашмаи таҳқиқот, навгонии илмии таҳқиқот, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо, мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, тавсиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия, интишорот аз рӯйи мавзӯи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия сухан меравад.

Боби якуми диссертатсия «Мушкилоти омӯзиши нутқи мазмунан нақлшуда дар забонҳои тоҷикию англисӣ» ном дорад, ки дар он муҳаққиқ ба таҳқиқи хусусиятҳои сохториву маъноӣ бештар таваҷҷуҳ намудааст. Дар баробари таҳқиқи назариявии мавзӯъ андешаҳои гуногуни олимони соҳа мавриди таҳлил қарор дода шудаанд.

Боби дуюми диссертатсия «Хусусиятҳои хоси мутобиқатии замонҳо дар забони англисӣ ва муқоисаи он бо забони тоҷикӣ » ном дошта, дар он масъалаҳои марбут ба мутобиқгардонии замонҳо дар забони англисӣ ва мувофиқати он ба забони тоҷикӣ ба риштаи таҳлил кашида шудаанд. Хусусияти хоси забонҳои муқоисашаванда, тафовут ва умумиятҳо пешниҳод гардидаанд.

Дар боби сеюми диссертатсия, ки «Усулҳои ифодаи навъҳои гуногуни ҷумлаҳо дар нутқи мазмунан нақлшуда дар заминаи маводи “Ёддоштҳо”-и С. Айнӣ» номгузорӣ шудааст, усулҳои ифодаи намудҳои гуногуни ҷумлаҳо, ки ба нутқи мазмунан нақлшуда робита дошта, хусусияти тағйирпазириро доранд, таҳқиқ шудаанд.

Дар хулоса муаллиф натиҷаҳои таҳқиқро бо андешаҳои худ ва дастовардҳои муваффақгаштааш ҷамъбаст намудааст.

Фишурдаи диссертатсия бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ мазмуни рисоларо пурра инъикос менамояд ва мақолаҳои чопнамудаи муаллиф ҳам ба талабот ҷавобгӯ мебошанд.

Бо вуҷуди дар сатҳи баланди илмӣ таълиф ёфтани диссертатсия, дар он камбудиву норасоиҳо, ғалатҳои услубӣ ва имлоӣ ба чашм мерасанд.

Камбудиҳои ишорашуда ба аҳамияти таҳқиқот таъсири манфӣ намерасонанд, зеро онҳо ислоҳпазиранд.

Ҳамин тавр, автореферати диссертатсияи Саидова Мавзуна Абдулҳакимовна дар мавзӯи «Таҳлили сохторӣ - семантикии нутқи мазмунан нақлшуда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар заминаи асари «Ёддоштҳо» - и С.Айнӣ» дуруст ва пурра буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ

аст ва муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ сазовор мебошад.

Номзади илмҳои филологӣ
муовини ректор оид ба таълими
Донишкадаи давлатии санъати тасвирӣ
ва дизайни Тоҷикистон Худойбердиева Ҷамила Чоршанбиева

Суроғаи корӣ: Ҷумҳурии Тоҷикистон ш. Душанбе, к.Айнӣ31
Тел: +992(37)221 7247 корӣ, (+992) 907 07 7341моб.
E-mail: Jasmin7777@mail.ru

Имзои Худойбердиева Ҷ.Ч.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсус Сайдалиев О.И.

“04” марти 2023